# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи "Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Таҳлили муқоисавии таълимоти фалсафӣ-ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ дар ҷомеаи муосир аз аҳамият холӣ нест, аз ин рӯ, таълимоти ахлоқии ин ду абармарди илм, ки дар замонҳои гуногун ҳаёту фаъолият доштанд, метавонад фаҳмиши ратсионалии масоили ахлоқиро дар шуури насли муосир ҷой намояд. Илова бар ин метавон гуфт, ки масоили ахлоқ ё худ хулқу атвори инсонӣ аз ҷумлаи мушкилоти умда ва мубрам буда, ҳанӯз аз замонҳои бостону асрҳои миёна то давраи муосир дер боз мавриди арзёбиву бозтобӣ ва таҳлилу таҳқиқи файласуфони замонҳои гуногуни таърихӣ қарор дорад. Бинобар ин интихоби мавзӯи илмии фақуззикр аз ҳар ҷиҳат муҳиму мубрам ва саривақтиву рӯзмара аст.

Ҳарчанд маълум аст, ки рушди ҷомеаи демократии Тоҷикистони муосир аз рушди ҷомеаи миллию анъанавии мо дар даврони пешин, алалхусус дар асрҳои миёна, комилан фарқ мекунад, вале истифода аз мероси гаронбаҳои фалсафию ахлоқии мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик барои рушди ҷамъиятию иқтисодии ҷомеаи муосири миллии Тоҷикистон хеле муҳим ва муфид мебошад. Дар ин самт, мероси фалсафӣ- ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ, таҷрибаи ин ду мутафаккири бузург дар ҷустуҷӯи арзишҳои маънавӣ марҳилаи гузаштаи суннати фалсафиеро ифода мекунад, ки идомаи он барои ошкор сохтани мундариҷа, манбаъҳо, роҳҳо ва тамоюлҳои рушди минбаъдаи амалияи муосири ахлоқӣ имконият медиҳад.

Дар автореферати диссертатсияи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода бевосита таълимоти ахлоқии Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ –

намояндагони “Асҳоби ҳаюло” ва “Машшоияи шарқӣ” - ду мактаби фалсафаи асримиёнагии тоҷикро таҳлилу баррасӣ ва муқоиса карда, сарчашмаву заминаҳои ғоявии таълимоти ахлоқии ин мутафаккирон ва тафовуту ҳамоҳангиҳои андешаҳои ахлоқии онҳоро ошкор намудааст, ба таври мушаххас таъсири таълимоти ахлоқии ин мутафаккирони тоҷикро ба афкори аҳлоқӣ-иҷтимоии мутафаккирони ватанӣ ва хориҷӣ муайян намуда, аҳаммияти омӯзиш ва татбиқи консепсияҳои ахлоқии мутафаккирони мазкурро дар раванди тарбияи ахлоқию маънавии аҳли ҷомеа, алахусус ҷавонон ва наврасон, дар шароити муосир ошкор кардааст (саҳ 9-10).

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи илмии Абубакри Мирзоаҳмади Грезода мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он ҷанбаъҳои илмӣ пай дар пай баррасӣ гардида, мантиқан масъалагузорӣ шудаанд ва он сазовори баҳои мусбӣ мебошад.

Айни замон тадқиқоти Абубакри Мирзоаҳмади Грезода аз нуқтаҳои илмии мубоҳисавӣ ва камбудиҳо холӣ нест:

– дар нуктаи асосии 4-ум, ки барои дифоъ пешниҳод шудааст, қайд гардидааст, ки Абӯбакри Розӣ дар муқоиса бо дигар файласуфон, ки асарҳои ахлоқӣ таълиф намудаанд, дар осори ахлоқии хеш аз оятҳои Қуръон истифода набурдааст, гарчанде, ки андешаҳояш аз чорчӯбаи ахлоқи исломӣ берун набаромадааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки диссертант зимни ҳимояи рисолаи илмӣ ба саҳми аъзои Шӯрои диссертатсионӣ оид ба ин масъала бештар равшанӣ меандохт;

– беҳтар мешуд, агар муаллиф авторефератро ба таври мушахас, мухтасар менамуд;

– дар автореферат номи асарҳои олимони машриқзамин ба забони аслии хеш оварда шудааст, хубтар мешуд, ба забони тоҷикӣ ҳам, меовард;

Аммо эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми

ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дар назардошти гуфтаҳои фавқуззикр, дар маҷмӯъ хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии омоданамудаи Абубакри Мирзоаҳмади Грезода дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии фалсафаи ахлоқи Абӯбакри Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ» кори илмии анҷомёфта маҳсуб меёбад ва бар асоси меъёрҳо ва талаботҳои муқарраркардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳо, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа, таҳия шудааст ва пурра ҷавобгӯ ба талабот мебошад.

**Муқарриз**
**Декани факултети Ҳуқуқшиносии ДМТ,**
**доктори илмҳои ҳуқукшиносӣ,**
**профессор:** **Д.С. Раҳмон**

**Имзои профессор, Д.С. Раҳмон-ро**
**тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ:** **Э. Ш.Тавқиев**